## 5.9.9. (10.01.10) МЕДИАКОММУНИКАЦИИ И ЖУРНАЛИСТИКА
## 5.9.9. МЕДИАКОММУНИКАТСИЯҲО ВА РӮЗНОМАНИГОРӢ
## 5.9.9. MEDIACOMMUNICATIONS AND JOURNALISM

*УДК 070*

*DOI 10.24412/3005-849X-2025-1-139-144*

### *НАҚШИ ВЕБ-САҲИФАИ “АЗИЯ-ПЛЮС” ДАР ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ФАРҲАНГӢ*

***Комилов Каримбой Исломович**, н.и.ф., дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ “ДДХ ба номи Б. Ғафуров”; **Мирзоева Мавзуна Аҳмадовна**, унвонҷӯи кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии МДТ “ДДХ ба номи Б. Ғафуров” (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

### *РОЛЬ ВЕБ-СТРАНИЦЫ “АЗИЯ-ПЛЮС” В ОСВЕЩЕНИИ КУЛЬТУРНЫХ ВОПРОСОВ*

***Комилов Каримбой Исламович**, канд. филол. наук, доцент кафедры журналистики и теории перевода ГОУ «ХГУ им. Б. Гафурова»; **Мирзоева Мавзуна Ахмадовна**, соискатель кафедры информации и коммуникационных технологий ГОУ “ХГУ имени академика Б. Гафурова (Худжанд, Таджикистан)*

### *THE ROLE OF THE «ASIA-PLUS» WEBSITE IN COVERING CULTURAL ISSUES*

***Komilov Karimboy Islomovich**, candidate in Philology, head of the department of journalism and translation theory under the SEI «KhSU named after acad. B.Gafurov»; **Mirzoeva Mavzuna Akhmadovna**, claimant for candidate degree of the department of information and communication technologies under the SEI «KhSU named after academician B. Gafurov” (Khujand, Tajikistan) **e-mail:** komilov-62@mail.ru*

*Нақши веб-саҳифаи “Азия-плюс” дар рушди самтҳои нави журналистика баррасӣ шудааст. Таъкид карда мешавад, ки имрӯз дар журналистикаи нав самтҳои гуногун, ба монанди лайф-стайл журналистика, рерайтинг, копирайтинг, арт-журналистика, трэвел-журналистика, журналистикаи додаҳо пайдо шуданд, ки рӯзноманигорон бо интихоби он фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Изҳори ақида шудааст, ки яке аз самтҳои дар ҷомеаи муосир маъмулгашта арт-журналистика мебошад, ки ба ташаккули афкори иҷтимоӣ ва қонеъ намудани талаботи аудитория дар самти фарҳанг ва санъат саҳм мегузорад. Хулоса мешавад, ки веб-саҳифаи Азия плюс дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук яке аз саҳифаҳоест, ки дар он маводи бахшида ба фарҳанг ва санъат ба таври васеъ инъикос меёбад.*

***Калидвожаҳо**: самтҳои нави журналистика, арт-журналистика, санъат, фарҳанг, журналистикаи нав, веб-саҳифа, Азия-Плюс*

*Рассматривается роль веб-страницы “Азия-Плюс” в развитии новых направлений журналистики. Подчеркивается, что в новой журналистике появляются различные направления: лайфстайл-журналистика, рерайтинг, копирайтинг, арт-журналистика, тревел-журналистика, дата-журналистика, которые журналисты выбирают в профессиональной деятельности. Выражено мнение, что одним из направлений, ставшим популярным в современном обществе, является арт-журналистика, которая способствует формированию общественного мнения и удовлетворению потребностей аудитории в сфере культуры и искусства. Делается вывод, что веб-страница “Азия-Плюс” в социальной сети Facebook является одной из платформ, где широко отражаются материалы, посвященные культуре и искусству.*

***Ключевые слова**: новые направления журналистики, арт-журналистика, искусство, культура, новая журналистика, веб-страница "Азия-Плюс"*

*The article examines the role of the "Asia Plus" web page in the development of new journalism trends. It is emphasized that new journalism is developing into various trends: lifestyle journalism, rewriting, copywriting, art journalism, travel journalism, data journalism, which journalists choose in their professional activities. The opinion is expressed that one of the areas that has become popular in modern society is art journalism, which contributes to the formation of public opinion and the satisfaction of the needs of the audience in the field of culture and art. It is concluded that the "Asia-Plus" web page on the social network Facebook is one of the platforms where materials dedicated to culture and art are widely reflected.*

***Key-words**: new directions in journalism, art journalism, art, culture, new journalism, webpage, "Asia-Plus"*

Бо пайдо шудани имконоту васоити наву гуногуни иттилоотрасонӣ ва иттилоотгирӣ тавассути пешрафти технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва мобилӣ (ТИИМ) дар фазои иттилоотӣ самтҳову бахшҳои нави илмию ихтисосии журналистика низ ташаккул ва рушд ёфта, ҳамзамон, барои расонаҳо фазои мусоиди корӣ ва барои истеъмолкунандагон муҳити осону мувофиқи дастрасӣ ба иттилоот фароҳам омадааст. Мусаллам аст, ки танҳо бо роҳи пешниҳоди иттилооти қолибу пурмазмун тасхир намудани дили истифодабарандаи иттилоот ғайриимкон аст, аз ин рӯ, азбаски аудиторияи имрӯза имкони дастрасӣ ба манобеи иттилоотии гуногуни рангаву ҷозиби бахусус онлайнӣ дорад, ҳангоми таҳияи матлаб танҳо бо истифода аз ороиши бадеиву дизайни муосири саҳифабандии нашрияҳо ва пероиши саҳнаи барномаҳо талаботи аудиторияро қонеъ мегардонад. Аудиторияи имрӯза, хосатан ҷавонон насли аудиторияи интернетианд, танҳо дар ҳолате ба нашрия ва барномаи телевизионӣ рӯ меоранд, ки шаклу намуди пешниҳоди матлаби онҳо чун шакл ва намуди моли интернетӣ бошад.

Дигар ҷиҳати ҷалби аудитория бо роҳи ба вуҷуд овардани эҳсоси ҳузур дар ҷойи воқеа аст. Ба андешаи Уолтер Липпман ахбор дар мавриде серталаб мешавад, ки вокуниши эҳсосии хонандаро бедор кунад, дар ӯ ҳисси иштироки шахсиро дар воқеаҳое, ки дар бораи онҳо мехонад, ба вуҷуд оварад, ахборе, ки ин имкониятро таъмин намекунад, ба оммаи васеъ қолиб буда наметавонад.[3,154] Албатта, ба ин сатҳ расонидани мавод, ҳарчанд аз сатҳи ҷаҳонбинӣ ва дониши мукаммали журналист вобаста бошад ҳам, дигар омилҳои объективии таъсиргузор, аз ҷумла омилҳои иҷтимоӣ-эҷодӣ низ ҷой доранд.

Ҳамчунин, журналист имкони омода сохтани маводи қолибро он вақте дорад, ки агар худ самти инъикоси ҳодиса ва ё зуҳуротро пурра сарфаҳм равад ва дарк намояд. Ин талаботро журналистони имрӯза ба таври зарурӣ дарк намуда, аксарияти онҳо самтҳои ба худ мувофиқи журналистикаро интихоб намудаанд. Омода будан ва бо дониши зарурӣ "мусаллаҳ" шудан дар як самти журналистика назар ба рӯзноманигори ҳамасамта шудан муфид ва қолибтар аст.

Ҷомеаи муосир назди журналистика талаботи навро гузоштааст, ки онҳо аз фароҳамоварии имкониятҳои мусоиди дастрасӣ ба иттилоот тариқи ТИИМ ва пурзӯршавии ҷанбаҳои фаъолияти тиҷоратии ВАО рӯи кор омадаанд, ки ин ҳолат ба рушди журналистикаи комилан нави соҳавӣ мусоидат намудааст. Масалан, лайф-стайл журналистика, трэвел-журналистика, журналистикаи додаҳо, рерайтинг, копирайтинг, арт-журналистика, фэшн-журналистика барин самтҳои нав, аз ҷумла ба нақшаҳои таълимии ихтисосҳои рӯзноманигории кафедраҳои журналистика ва назарияи тарҷума ва иттилоот ва технологияҳои робитавии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ворид ва таълим дар

асоси онҳо ба роҳ монда шудааст. Самтҳои мазкур ба низоми таълимии донишгоҳҳои дигар кишварҳо, аз ҷумла Русия ва Қазоқистон низ ворид шудааст.

Яке аз самтҳои имрӯз дар ҷомеаи муосир маъмулгашта - арт-журналистика мебошад. "Арт" аз забони англисии "art" гирифта шуда, маънояш "санъат" мебошад. Ба андешаи А. Архангелский бо вуҷуди он, ки фарҳанг ва санъат бо ҳам тафовут доранд аммо байни ин алоқамандии бузург низ ҳаст, агар фарҳанг "машинаи истеҳсолкунанда" бошад, ки ба тамоми ҷомеа таъсир мерасонад, пас санъат роҳи дарки ҷаҳон, самараи фаъолияти бадеию эҷодӣ ва қисми муҳимтарини фарҳанги маънавии инсоният мебошад. Нависандаи рус Антон Чехов зикр намудааст, ки "мақсади асосии санъат ин муттаҳид намудани одамон аст." Пас инъикоси маъалаи санъат низ яке аз омилҳои муҳими бофарҳангнамоӣ ва муттаҳид сохтани омма маҳсуб меёбад, ки ин вазифаи муҳими арт-журналист маҳсуб меёбад.

Арт-журналистика як соҳаи махсуси журналистика буда, барои ташаккули афкори иҷтимоӣ ва қонеъ намудани талаботи аудитория дар самти фарҳанг ва санъат мусоидат мекунад [4,4]. Сарфи назар аз он ки журналист метавонад танҳо дар бораи рассомӣ ё мусиқӣ, театр ва ё ягон самти санъат нависад, вай нақши муқарризро дар худ такмил медиҳад. Журналист на танҳо бояд ҳодисаву равандҳои санъатро инъикос намояд, балки масъулияти таҳлил ва вазифаи нақд карданро иҷро мекунад. Албатта, барои омода намудани мавод ба ВАО донистани маълумоти самти мазкур комилан зарур мебошад. Хусусияти асосии маводи арт-журналистика дар он мебошад, ки иттилоот ва ҳама гуна маводи дар самти мазкур омода шуда, бояд тавре таҳия гардад, ки ҳар як хонанда дар худ эҳсоси иштирок дар чорабинӣ пайдо намояд. Ҳодисаву чорабиниро журналист бояд тавре инъикос кунад, ки он диққати аудиторияро ҷалб намояд, яъне журналист бояд мушоҳидакор бошад. [1.110] Бо баробари ташаккули интернет-журналистика имрӯзҳо дар сомонаву блогҳо ва веб-саҳифаҳо арт-журналистика бештар ба назар мерасад.

Веб-саҳифаи "Азия плюс" дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук яке аз саҳифаҳоест, ки вобаста ба самти арт–журналистика матлабҳои зиёд омода месозад. Омӯзиш ва таҳқиқи раванди рушди арт-журналистика дар веб-саҳифаи "Азия плюс" нишон дод, ки веб-саҳифаи мазкур ба мавзуъҳои вобаста ба арт-журналистика таваҷҷуҳи хос дошта, доир ба ин самт бахшҳои гуногун дорад. Яке аз бахшҳои доимӣ "Афиша аз Азия плюс" буда, дар он дар бораи чорабиниву намоишҳои фарҳангие, ки дар давоми ҳафта ба нақша гирифта шудаанд, иттилоъ дода мешавад. Масалан, санаи 19 октябри соли 2024 дар бахши мазкур номгӯи чунин чорабиниҳо оварда шудааст:

1. Муаррифии китоби Стивен Вайн дар Душанбе
2. Намоиши театрии "Гурбаи мӯзапӯш" (Кот в сапогах)
3. Намоиши опереттаи Узеир Гаджибеков «Аршин мал-алан»
4. Фестивали синамои Фаронса

Дар матолиби мазкур маълумоти пурра доир ба макони баргузории намоишҳои мазкур оварда шудааст, ки барои тарғиби чорабиниҳои фарҳангӣ ва ҷалби бештари тамошобинон ба ин намуди чорабиниҳо мусоидат менамояд. Зимни таҳлили саҳифа маълум гардид, ки маводи мансуб ба арт-журналистика дар қолаби жанрҳои гуногун инъикос гардидааст.

Масалан, санаи 19.09.2024 мусоҳиба таҳти унвони "Мусоҳиба бо худ. Барзу Абдураззоқов 65-сола шуд" [6, 2] нашр гардидааст, ки он бахшида ба барандаи 17-каратаи Шоҳҷоиза ва 16 ҷоиза барои беҳтарин коргардон, ду маротиба барандаи ҷоизаи Кирилл Лавров (Русия) ва ҷоизаи Театри давлатии ба номи. М. Рисқулов (Қирғизистон), режиссёре, ки беш аз 145 намоишнома ба саҳна гузоштааст, ин нависанда ва бастакори тоҷик омода гардидааст.

Маводи мазкур дар қолаби жанри мусоҳиба нигошта шуда, ба таври ҷолиб таҳия ва ба қисматҳои алоҳида ҷудо гардидааст: кору фаъолияти ҳунарманд, рушди театри ватанӣ,

театрҳои хориҷи кишвар, ҳисси ватандӯстии ҳунарманд, оид ба хушбахтӣ аз нигоҳи ӯ ва ҳамчунин қисмати охирин барои хонандагон.

Мусоҳибаи мазкур аз мусоҳибаҳои маъмулӣ фарқ дошта, дар мавод муаллиф нақши рӯзноманигор ва ҳам қаҳрамонро иҷро намудааст. Масалан, чунин омада: - Акнун аз ман пурсед: хушбахтӣ дар ҷаҳон чист? Дар дониш. Дар санъат ва ё дар фаъолият. Ҳангоми шинохти санъат дар худ, табиат, ҳаёти олам, маънои зиндагиро дарк менамоӣ рӯҳро мешиносӣ - истеъдодро! Хушбахтӣ бештар из ин нест. Аммо муваффақият чӣ? Гузаранда аст.

“Ба андешаи мо, хусусияти асосии арт-журналистика равона шудани эҳсоси хонанда баъд аз дарки матни мушаххас ё хабаре дар бораи як рӯйдоди фарҳангӣ ба вуҷуд омадааст, ки хонанда бояд хоҳиши рафтан ба намоиш, театр ё консертро пайдо кунад” [5,4]. Зимни мутолиаи мусоҳибаи мазкур кас ба ҷаҳони ҳунарманд ворид гардида, бо дунёи ботинии ӯ ошно мешавад. Мусоҳибаи мазкур ба таври ҷолиб таҳия гардида, бартарияташ дар он аст, ки он доираи саволҳои анъанавӣ набуда, паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти ҳунармандро фаро гирифтааст. Маводи мазкур ба беш аз 200 нафар писанд гардида, далели он аст, ки обуначиёни саҳифаи мазкур ба чунин мавзуъҳо таваҷҷуҳи хоса доранд.

Ҳамчунин, дар саҳифа чорабиниҳои муҳими фарҳангӣ бо таври муфассал инъикос гардидааст. Масалан, маводи дигаре зери унвони “Дар "Қалъаи Хуҷанд" намоиши опера дар формати open-air баргузор шуд. Муфасалтар тамошо намоед” [7,2]. Хабари мазкур аз ҷониби Анна Мифтахова омода гардида, маълумоти пурра доир ба раванди намоишномаи мазкур малумоти ҷолиб дода шуда, якчанд аксҳо аз раванди намоишнома оварда шудаст. Хабар бо усули пешниҳоди зерсарлавҳаҳои ҷолиб аз ҷумла: Театр бори аввал бо чунин ҳайати калон сафар мекунад, ба Хуҷанд 170 нафар кормандон рафтанд!, "Хуҷандиён бо шодии зиёд операро истиқбол карданд!", "Сафарҳои навбатӣ идома доранд" диққати хонандагонро ҷалб намудааст. “Набояд фаромӯш кард, ки имрӯз дар маркази диққати арт-журналистика на танҳо ҳама намудҳои санъат ва масъалаҳои муҳим оид ба ҳифзи фарҳанг аст, балки як мавзуи нав - рушди соҳаи фарҳанг низ пайдо шудааст [2,10]. Имрӯз арт-журналист барои рушди фарҳанг ва тарғиби он дар ВАО бояд кӯшиш ба харҷ диҳад. Зеро бо роҳи инъикос ва тарғиби рӯйдодҳои фарҳангӣ журналист бевосита ба ҷомеа ва як қишри ҷомеа таъсир мерасонад. Барои ин журналист бояд дониши амиқи фарҳангӣ дошта бошад, то мавзуи фарҳанг ва санъатро, ки баёнгари миллат аст, ба таври дуруст ва беғараз инъикос намояд.

Зимни таҳлили веб-саҳифаи мазкур боз як бахши доимии онро мавриди омӯзиш қарор додем. Яке аз бахшҳои ин саҳифа "Сайёҳи рӯзи истироҳат." (Турист выходного дня) унвон гирифтааст, ки дар шакли гузориш омода мегардад. Муаллифи барнома Андрей Соколов аст, ки зимни саёҳати худ мавзеъҳои фарҳангиро намоиш дода, ҳамчунин бо шахсони дар ин самт фаъолиятдошта мусоҳиба менамояд. Масалан, санаи 4 августи соли 2024 дар яке аз навори 3-дақиқаи худ ровӣ доир ба осорхонаи этнографии шаҳри Душанбе маълумот медиҳад. Навор ба таври ҷолиб омода гардида, паси он журналист маълумоти муфассал ва тафсифи осорхона намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар зери навор матни нақлшаванда оварда шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки барои шинос шудан бо фарҳанги гуногунранги тоҷикон ҳар як шахс бояд вориди ин осорхона гардад, зеро дар он ҷо зиёда аз 1000 намуд экспонат (намунаҳо) ба намоиш гузошта шудааст. Журналист дар маводи мазкур аудиторияро ба таври ҷолиб ба осорхона ҷалб менамояд. “Вазифаи маърифатӣ ва тарбиявии журналистика ин расонидан ва интиқоли падидаҳои фарҳангии аллакай мавҷудбуда ва арзишҳои фарҳангӣ мебошад” [4,123]. Бо таҳияи гузориш журналист каме бошад ҳам ба сатҳи дониши фарҳангии таъсир расонида аудиторияро ба ин мавзеъҳои таърихӣ даъват намуд. Бахши мазкур мунтазам таҳия ва пешкаши обуначиён мегардад, ки он мавзуъҳои дигари фарҳанг ва санъатро фаро гирифтааст:

1.Гузориш аз рафти таҷлили ҷашни таърихии Меҳргон 21.10.2024 (3:44 дақ.)

2.Гузориш аз маҷмаъи фарҳангии “Истиқлол” 12.05.2025 (3:28 дақ.)

3.Боздид аз қалъаи таърихии Ҳисор 28.04.2024 (3:17дақ)

4.Боздид аз Қалъаи таърихии Хуҷанд 16.06.2024 (4:39 дақ)

5.Боздид аз намоишгоҳи ҳунармандон 21.07.2024 (2:21 дақ)

Зимни боздиди ҳар як мавзеъҳои таърихи тваҷҷӯҳи муаллиф махсус ба аёниятҳо ва макони фарҳангӣ равон гашта доир ба он маълумот пешниҳод мекунад. Наворҳои кӯтоҳмуддате, ки омода ва пешкаши корбарон мегардад аз 20-25 то 900 нафар писанд кардаанд.

Бояд қайд кард, ки веб-саҳифа бахшида ба рӯзҳои муҳим маводи алоҳида омода ва пешкаши обуначиёни худ мегардонад. Масалан, санаи 16 октябри соли 2024 бахшида ба рӯзи синамои тоҷик номгӯи филмҳои нодир ва каммаълумро ҷамъ оварда бо овардани ҳавола корбаронро барои тамошои онлайнӣ даъват намудаанд. Ба ин тавсияҳо филмҳои истеҳсоли Тоҷикфилм: “Дилам дар кӯҳҳост”, “Бофандагон”, “Тӯҳфа” ва якчанд дигар филмҳо бо маълумоти умумӣ ва анонтатсия пешниҳод гардидааст. Бо таҳияи маводи мазкур журналист бори дигар аз фаъолияти “Тоҷикфилм” хотиррасон шуда, филмҳои ватаниро тарғиб менамояд.

Веб-саҳифа ба ғайр аз бахшҳои махсуси фарҳангӣ бо дар бахшҳои хабарӣ пайваста аз ҳодисаву хабарҳои самти санъат пешниҳод менамояд. Масалан, санаи 8 октябри соли 2024 дар бахши “Есть новость (Хабар ҳаст) доир ба намоиш гузошта шудани филми мустанади «Шӯълаи умед», ки ба саргузашти варзишгари точик Ҷамшед Абдуллоев аз Исфара бахшида шудааст иттилоъ додааст [8]. Зимни таҳлили ин бахш низ маводи гуногун вобаста ба санъат ва фарҳанг ба назар мерасид.

1. Писарбачаи нобино аз Варзоб дар озмуни байналмилалии вокалии «Белая трост» Тоҷикистонро намояндагӣ кард. 14.10.2024
2. Меъморони ҷавони Тоҷикистон дар озмуни байналмилалӣ дар Ереван ҷоиза гирифтанд. 14.10.2024
3. Навозандаи орган (асбоби мусиқӣ) аз Тоҷикистон дар мусобиқаи байналхалкӣ дар Москва ҷои сеюмро гирифт 23.09.2024
4. Азия-Плюс ва Клуби дӯстдорони мошинҳои таърихӣ шуморо ба Фестивали ретро даъват мекунанд! 20.09.2024

Ҳамин тавр аз таҳқиқ ва баррасии мавзуи нақши веб-саҳифаи “Азия-Плюс” дар рушди самтҳои нави журналистӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки самти мазкур дар дар ҳоли ташаккулёбӣ аст. Дар веб-саҳифаи фейсбукии “Азия-плюс” маводи вобаста ба санъат ва фарҳанг, ки ба самти арт-журналистика вобаста аст мунтазам нашр мешавад. Ҳамчунин бахшҳои зиёди веб-саҳифаи мазкур, ба монанди “Афиша аз Азия плюс”, “Сайёҳи рӯзҳои истироҳатӣ”, “Хабар ҳаст” пайваста дар доираи арт-журналистика маълумоти ҷолиб медиҳад, ки ба рушди самти мазкур мусоидат менамояд. Маводи веб-саҳифа бо усулҳои замонавӣ ва тарзи мултимедиавӣ дарҷ гардида, ба ҷалби корбарони саҳифа мусоидат менамояд.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Комилов К.И.. Асосҳои журналистика: иттилоот ва иртибот. Китоби 2: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олӣ / Комилов К.И. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – 256саҳ.*
2. *Мусинова А.А. Арт-журналистика Казахстана: учеб. пособие. – Алматы: Қазақ университеті, 2018. – 230 с. ISBN 978-601-04-3335-9*
3. *Липпман У. Общественное мнение. Москва: Институт Фонда «Общественное мнение», 2004. - С. 164.*
4. *Сергеева Т. С. Арт-журналистика и современная российская культура: ценностно-смысловые доминанты и проблема сохранения человека // Вестник Челябинского*

*государственного университета. Филология. Искусствоведение. – Челябинск, 2013. Вып. - 81. № 22 (313). - С. 152–156.*

5. *Сорокина Т.Е. Арт-журналистика в современных массмедиа: событие и дискурсивные практики // Мир науки. Социология, филология, культурология – 2020. - №4. https://sfk-mn.ru/PDF/52FLSK420.pdf (доступ свободный). Загл. с экрана. Яз. рус. англ. 2020. - С. 4.*
6. *https://www.facebook.com/profile/100064878360550/search/?q=%*
7. *https://asiaplustj.info/ru/news/life/culture/20240924/v-kalai-huchand-sostoyalsya-pokaz-operi-v-formate-open-air-smotrite-kak-eto-*
8. *https://www.facebook.com/watch/?v=346681765185625*

***REFERENCES:***

1. *Komilov, K.I. Fundamentals of Journalism: Information and Communication. Book 2: Textbook for University Students. – Khujand: Nuri Ma'rifat, 2022. – 256 pp.*
2. *Musinova, A.A. Art Journalism of Kazakhstan: Textbook. – Almaty: Kazakh University, 2018. – 230 pp. ISBN 978-601-04-3335-9*
3. *Lippman U. Public Opinion. Moscow: Institute of the Public Opinion Foundation, 2004. PP. 164.*
4. *Sergeeva, T.S. Art Journalism and Contemporary Russian Culture: Value-Semantic Dominants and the Problem of Preserving Humanity. Bulletin of Chelyabinsk State University. Philology. Art Studies. Issue 81. No. 22 (313). Chelyabinsk. 2013. – PP. 152–156.*
5. *Sorokina, T.E. Art Journalism in Modern Mass Media: Event and Discursive Practices. // World of Science. Sociology, Philology, Cultural Studies, 2020 No. 4, https://sfk-mn.ru/PDF/52FLSK420.pdf (free access). Title from the screen. Languages: Russian, English. 2020. – PP. 4.*
6. *https://www.facebook.com/profile/100064878360550/search/?q=%*
7. *https://asiaplustj.info/ru/news/life/culture/20240924/v-kalai-huchand-sostoyalsya-pokaz-operi-v-formate-open-air-smotrite-kak-eto-*
8. *https://www.facebook.com/watch/?v=346681765185625*